*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 31 (4614) | ЧОРШАНБЕ, 1 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**28-уми феврали соли 2023 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар он нахуст дар бораи масъалаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ҳисоботи муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.

Таъкид гардид, ки лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири бевоситаи худро дар раддабандии байналмилалии Тоҷикистон расонида, на танҳо вазъи ҷории молиявӣ, сармоя ва маблағи қарзӣ, балки фаъолияти ояндаи молиявии ташкилоти қарзиро фарогир мебошад.

Лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шӯрои нозирони Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» бошад, бо ҷорӣ намудани асосҳои идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва ташкили шӯроҳои нозирон дар онҳо барои таъмини назорат ва шаффофияти фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва ғайра таҳия гардидааст.

Баъд аз баррасии лоиҳаҳои қарорҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуд, ки номи Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ба Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» иваз карда шавад.

Ҳамзамон, қарор қабул шуд, ки Шӯрои нозирони Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» таъсис ва ҳайати шӯрои нозирони он тасдиқ гардад.

Сипас, лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи алоқаи барқӣ» баррасӣ гардид.

Вобаста ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» таъкид гардид, ки мақсад аз таҳия намудани он мутобиқ намудани муқаррарот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба таъмини амнияти иттилоотӣ, рақобати озод ва рушди соҳа, пешгирии таҳдидҳои нав ва мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ бо истифода аз шабакаҳои алоқаи барқӣ ва ғайра мебошад.

Лоиҳаҳои қонунҳои номбаршуда барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуд.

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат «Пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Зафаробод дар хусуси ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафаробод ва номгузорӣ намудани он», «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2027», «Барномаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои солҳои 2023 - 2027», «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2027», «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2028» ва «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» баррасӣ гардид.

Дар охири маҷлис Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба иҷрои дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишондоди Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ, вусъати киштукори баҳорӣ, аз ҷумла кишти пахта, бунёди боғу токзори нав, маданияти истифодаи замин, гирифтани 2 - 3 ҳосил аз заминҳои кишоварзӣ, наздиҳавлигӣ, президентӣ, истеҳсолу захираи кофии маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили пиёз, картошкаву сабзӣ, андешидани тадбирҳои ободонию кабудизоркунӣ, ҳифзи табиат ва беҳдошти муҳити атроф ва омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи ҷашни умумимиллӣ - 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ба Ҳукумати мамлакат, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва вазорату идораҳои давлатӣ, супоришҳои мушаххас доданд.

**www.president.tj**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1996 - 2005 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ**

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» **фармон медиҳам:**

1. Хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқаррааргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд, моҳҳои апрел - майи соли 2023 аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бригадаи посбоникунандаи сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсат карда шаванд.

2. Моҳҳои апрел - майи соли 2023 шаҳрвандони ҷинси марди то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шаҳрвандони синни калонтари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бригадаи посбоникунандаи сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шаванд.

4. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони комиссияҳои даъвати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо бо иштироки намояндагони мақомоти амният ва корҳои дохилӣ даъвати шаҳрвандонро аз ҳисоби интихоби дақиқи даъватшавандагон ба қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ ва қисмҳои ҳарбии таъиноти махсус, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хизмат дар ин воҳидҳо ва дар навбати аввал пуррагардонии онҳо амалӣ намоянд.

5. Раисони шаҳру ноҳияҳо якҷо бо комиссариатҳои ҳарбӣ бо дарки масъулият, бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», даъвати муташаккилонаи шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба роҳ монанд.

6. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ ва рафти даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба таври васеъ инъикос намуда, хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғиб намоянд.

7. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муоинаи назоратии тиббии даъватшавандагоне, ки аз ҷониби комиссияҳои даъвати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо даъват шудаанд, табибону мутахассисони ботаҷрибаро сафарбар намояд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 1 марти соли 2023, № 541**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# БА ҚОНУН ДАР БОРАИ МАҲДУД НАМУДАНИ ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТИ ТАМОКУ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО ВОРИД ГАРДИД

**Якуми марти соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 59 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласа Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода Карим Гулмурод ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ду масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар нест? Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Протокол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармоя аз 23 июни соли 2010**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку».**



**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода Карим дода мешавад. Марҳамат.

**Карим ГУЛМУРОДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармоя аз 23 июни соли 2010» пешниҳод шудааст.

Он 23 - юми июни соли 2010 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 - юми декабри соли 2010 таҳти №259 тасдиқ (ратификатсия) гардида, қувваи эътибор пайдо намуда, ҷиҳати мутобиқ намудани муқаррароти санади асосӣ ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти андозбандӣ бо ташаббуси ҷониби Швейтсария таҳия шудааст.

Протоколи мазкур тағйиру иловаҳо ба муқаддима, моддаҳои 3 (Мафҳумҳои умумӣ), 1 (Фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ), *9* (Корхонаи муттаҳидкардашуда), 26 (Кормандони намояндагиҳои дипломатӣ ва хадамоти консулгарӣ), инчунин илова намудани банди 4 бо истинод ба моддаи 26 «Протоколи баимзорасонидашудаи Конвенсия» ва моддаи нав -28 (Пешгирии суиистифода аз шартнома) - ро пешбинӣ менамояд.

Мақсад аз таҳияи лоиҳаи протоколи мазкур мукаммалгардонӣ ва рушди табодули ахбор байни мақомоти дахлдори давлатҳои аҳдкунанда, аз байн бурдани монеаҳои вуҷуддошта нисбат ба амалҳои андозбандишавандаи резидентҳои давлатҳои аҳдкунанда, инчунин ба танзим даровардани фоидаи андозбандишаванда ба шумор меравад.

Қобили қайд аст, ки протоколи мазкур мутобиқи расмиёти муқарраршуда бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 - уми августи соли 2020 таҳти №1581 маъқул дониста, 4 - уми июли соли 2022 аз тарафи намояндагони сатҳи олии ҳар ду ҷониб дар шаҳри Бад-Рагази Швейтсария ба имзо расида, тасдиқи онро аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қарори пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Абдусаломзода Мунаввар дода мешавад. Марҳамат.

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Протокол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармоя аз 23 - июни соли 2010 дар шаҳри Бад-Рагаз 4 - уми июли соли 2022 ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мақсаду муҳтавои протокол дар баромади муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бозгӯӣ гардид ва такрори онро зарур намешуморам.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон протоколи зикргардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Он дар кумита бо тартиби муқаррааргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки протоколи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармоя аз 23 июни соли 2010» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи сиҳатӣ Ашӯрзода Гулбаҳор дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор АШӮРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид дар ҷомеа бо роҳи муқаррар намудани принсипҳои асосии пешгирӣ, маҳдуд намудани истифода ва ба танзим даровардани муомилоти маҳсулоти тамоку таҳия гардидааст. Он бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Муртазозода, Рустам Шоҳмурод, Равшан Раҷабзода ва Гулбаҳор Ашӯрзода пешниҳод гардидааст.

Тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида чораҳои пешбининамударо вобаста ба таъмини солимии аҳолӣ, алалхусус нисбат ба ҷавонон, тақвият бахшида, онҳоро аз хатари зарар ба саломатӣ эмин дошта, ба рушди минбаъда мусоидат хоҳад намуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур расмиёти ҳуқуқиро мутобиқ ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кумитаҳо ва раёсатҳои дахлдори Маҷлиси намояндагон пурра гузашта, барои такмили он 113 пешниҳод манзур кардаанд, ки аз онҳо 85 таклиф қабул, 18 - қисман қабул ва 10 таклифи дигар қабул нашуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# БА ҚОНУН ДАР БОРАИ МАҲДУД НАМУДАНИ ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТИ ТАМОКУ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО ВОРИД ГАРДИД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Бо назардошти таклифу пешниҳодҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал ва ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мутобиқ гардонида шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ мебошад. Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Ғаффорзода Абдуҳалим дода мешавад. Марҳамат.

**Абдуҳалим ҒАФФОРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Хусусиятҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд кардани истифодаи маҳсулоти тамоку» он аст, ки ба солимии аҳолии кишвар равона шудааст. Аммо бояд қайд кард, ки ин қонун баъзан аз ҷониби шахсони масъул риоя намешавад. Масалан, мувофиқи моддаи 5 қонуни мазкур фурӯши маҳсулоти тамоку ба ҷавонони то синни 18 ва истифода аз маҳсулоти тамоку дар бисёр ҷойҳои ҷамъиятӣ манъ аст, аммо риоя намешавад.

Чун лоиҳаи қонуни мазкур барои беҳтар кардани ҳаёт ва саломатии мардум нигаронида шудааст, аз вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории он овоз диҳанд.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ранохон БОБОҶОНИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» панҷ сол мешавад, ки мавриди амал қарор дорад. Имрӯз бошад, ба баррасӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур бо ташаббуси ҳуқуқи қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳу-



рии Тоҷикистон Ҷ. Муртазозода, Р. Шоҳмурод, Р. Раҷабзода ва Г. Ашӯрзода пешниҳод гардида, ба ҳифзи саломатии инсон, хусусан ноболиғон ва занони ҳомила, равона мегардад. Дар ҳама замону макон дар паси истеҳсол, воридот, содирот, нигоҳдорӣ, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамоку манфиатҳои иқтисодӣ меистад. Дар дуди тамоку тахмин 3000 элементи химиявӣ вуҷуд дорад. Солҳои охир дар баробари тамоку системаҳои электронии таҳвили никотин истифода мегардад, ки гӯё камзарар аст. Лоиҳаи қонуни мазкур ҷорӣ намудани муносибати ягона ҷиҳати танзим, фурӯш ва истифодаи ҳама намуди маҳсулоти тамоку, аз ҷумла нос, кашидани тамоку бо чилим, инчунин сигорҳои электронӣ, пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин, лоиҳаи мазкур як қатор маҳдудиятҳо барои истифодаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотинро пешниҳод менамояд. Тибқи моддаи 6 истифодаи он дар дохили бино ва ҳудуди ташкилотҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, сайёҳӣ, динӣ ва илмию таълимӣ, дар дохили биноҳои маъмурӣ, утоқҳои кории ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, дар дохили биноӣ меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳо ва корхонаҳои хӯроки умумӣ, ба истисноӣ ҷойҳои махсуси барои тамоку кашидан ҷудокардашуда, дар дохили ҳамаи намуди нақлиёти ҷамъиятӣ ва таксӣ, дар дохили бино ва дар ҳудуди фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва нақлиёти автомобилӣ, ба истисноӣ ҷойҳои махсуси барои тамокукашӣ ҷудокардашуда, дар нақлиёти истифодаи шахсӣ, ки дар онҳо кӯдакони то ҳаждаҳсола ё зани ҳомила ҳузур доранд, дар дохили биноӣ осоишгоҳҳо, ҳудуди майдончаҳои кӯдакон, даромадгоҳҳои биноҳои истиқоматӣ, лифт, гузаргоҳҳои зеризаминӣ манъ аст.

Хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Вакилони муҳтарам, як қатор вакилон ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ифтихорнома ва медалҳои Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қадрдонӣ шудаанд. Ҳоло бо истифода аз фурсат мукофотҳои мазкур супорида мешаванд.

Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Матробиён Саодатшо дода мешавад. Марҳамат.

*Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саодатшо Матробиён қарорҳои шӯроҳои Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъиро дар бораи сарфароз гардонидани як қатор вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишон, медал ва ифтихорномаҳо қироат намуда, мукофотҳо аз ҷониби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар вазъияти тантанавӣ супорида шуд.*

**РАИС:** - Онҳоеро, ки тибқи қарорҳои шӯроҳои Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бо нишон, медал ва ифтихорномаҳо сарфароз гардиданд, табрик мегӯям.

Барои иштироки фаъолона миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

---

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад



# САРЧАШМАИ ҶАВҲАРИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Бисту ҳаштуми феврали соли равон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки вакилони парлумони мамлакат, намояндагони вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф ва илм, фарҳанг, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба заминаҳои ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» мулоқот баргузор гардид.**





Дар оғоз раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ иброз намуд, ки бо қабул гардидани қонуни мазкур ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ баҳри ҳимояи манфиатҳои Ватани маҳбуб дар қалби ҳамватанон боз ҳам баланд мешавад.

Вакили Маҷлиси намояндагон Гавҳар Шарофзода зикр кард, ки мақсад аз қабул кардани қонуни мазкур, пеш аз ҳама, бедории миллӣ буда, равандҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро муайян менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 5 боб ва 21 модда иборат буда, омода кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои низоми тарбияи ватандӯстӣ, таъмини корҳои ташкилию методии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Дар бораи ватандӯстӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр карданд: «Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад».

Гуфта шуд, ки қонуни мазкур барои мустаҳкам кардани мактаби миллӣ ва худшиносӣ замина гузошта, инсонҳоро ба ватанпарастӣ, худшиносӣ ва хештаншиносӣ равона месозад.

Гавҳар Шарофзода дар поёни маърӯзааш бо мақсади амалисозии қонуни зикршуда якчанд пешниҳоди муфид ироа намуд. Аз ҷумла, Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки соатҳои дарсҳои тайёрии ҳарбӣ ва ватандӯстиро дар муассисаҳои таълимӣ зиёд намуда, дар замири хонандагон худшиносӣ, ватандӯстӣ ва зиракиву ҳушёриро бедортар намоянд. Мутахассисон, аз ҷумла нафаронеро, ки аз Вазорати мудофиа ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нафақа баромадаанд, ба омӯзгорӣ ҷалб намоянд.

Ҳамкории муштараки Вазорати мудофиа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дарсҳо ва чорабиниҳои ҳарбӣ, аз ҷумла ташкили синфхонаҳои ҳарбӣ, силоҳҳои таълимӣ ва ҷамъомади панҷрӯзаи ҳарбӣ, ҷиддӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳамаи қишрҳои ҷомеаро зарур аст, ки фарзандон, шаҳрвандони Ватани маҳбубамонро бо таърихи бою рангини гузашта ва имрӯзи босафои диёр ошно созанд.

Бино ба қавли раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулло Раҳмонзода, мавзӯъҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои олии кишвар самтҳои асосии таълиму тарбияро дар бар гирифта, иҷрои он аз хонавода то мактабу ҷомеа барои ҳар як шаҳрванди баору номуси кишвари маҳбубамон ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, бо ифтихор ҳимоя намудани ҳар ваҷаб хоки Ватан, оромиву осудагии Ватани азизамон низ аз худшиносӣ, худогоҳӣ ва садоқат ба давлату миллат буда, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки ин муҳаббату самимиятро нисбат ба Ватан-Модар содиқона эҳсос намоянд.

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», ки аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ таҳия ва пешниҳод гардида, сеюмин қонуни миллии мо ба шумор меравад, худшиносии шаҳрвандонро боло бурда, онҳоро ба доимо бедору ҳушёр ва зираку тавоно будан талқин менамояд. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд: «Дар замири ҳар як фарди ҷомеа тарбия кардан ва таҳкиму тақвият бахшидани ҳисси баланди ватандӯстиву ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои маънавӣ ва муқаддасоти миллӣ яке аз омилҳои муҳими пойдории давлати соҳибистиқлол мебошад», - иброз намуд Абдулло Раҳмонзода.

Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёдулло Абдуллозода иброз намуд, ки дар замони муосир таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба масъалаи тарбияи шаҳрвандон аз ҷониби Пешвои миллат, Ҳукумати мамлакат, вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар сохторҳои марбута асоси воқеӣ дорад. Зеро ҷаҳони муосир бо рушди босуръат ва то андозае идоранашавандаи технологияи иттилоотию иртиботӣ ба ҳаёти инсон таъсири амиқ расонида истодааст. Аз ин раванд гурӯҳҳои манфиатҷӯ суиистифода намуда, барои паҳн кардани афкору андешаи зишту вайронкор ва муғризонаашон истифода мебаранд, ки боиси нофаҳмӣ ва норозигиҳо дар ҷомеа мегардад.

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» тақозои замона ва талаботи рӯз аст. Он ба таҳкими ҳисси муҳаббат ба Ватан, ватанпарастӣ, худшиносӣ ва нигоҳдошти ҳувияти миллии шаҳрвандон мусоидат намуда, масъулияти мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро дар рушду инкишофи кишвар, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ баланд бардошта, барои ташаккули заминаҳои меъёрии ҳуқуқии самти тарбияи ватандӯстӣ, ҷанбаҳои фарҳангӣ, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, коҳиш додани сатҳи ҷиноятҳорӣ дар ҷомеа, бахусус дар байни наврасону ҷавонон, имкониятҳои нав ба вуҷуд меорад, - гуфт Зиёдулло Абдуллозода.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раънохон Бобоҷониён ва Абдуҳалим Ғаффорзода зимни музокира андеша баён карда, аз ҷумла гуфтанд, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» иқдоми саривақтӣ буда, барои рушди давлати мустақили тоҷикон, тарбия намудани насли ватандӯсту ватанпараст, омода кардани мутахассисони ба давлат содиқ саҳми беназир хоҳад гузошт.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**

---



# ДАҲ СОЛИ УЗВИЯТ БА СУС ЧӢ НАТИҶА ДОД?

**Даҳ сол пеш Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) шомил гашт. Роҷеъ ба ҳадафҳои ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ, аҳамияти воридшавии кишвари мо ба он ва натиҷаҳои даҳ соли сипаришуда хабарнигорамон бо сардори Раёсати ҳамкориҳо бо Созмони умумиҷаҳонии савдои Сарраёсати сиёсати савдо ва бозори истеъмолии Вазорати рушди иқтисод ва савдо Рукниддини Лутфулло ҳамсуҳбат шуд.**

**- Созмони умумиҷаҳонии савдо чӣ гуна ташкилот аст, кай таъсис ёфт ва ҳадафи он аз чӣ иборат мебошад?**

- Дар ҷаҳон айни замон зиёда аз 300 созмони байналмилалии тиҷоративу иқтисодӣ фаъолият менамоянд, ки аъзои бархеашон васеъ ва аз баъзеи дигарашон нисбатан маҳдуд аст. Аммо нақши асосиро дар ташаккули фаъолияти тиҷоратӣ ва муқаррар намудани қоидаҳои тиҷорати байналмилалӣ доираи нисбатан хурди ташкилотҳои тиҷоративу иқтисодӣ мебозад, ки Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) муҳимтарин маҳсуб мегардад. Ин созмон бузургтарин ниҳод баъд аз СММ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Он соли 1995 баъд аз 47 соли гуфтушунид дар заминаи Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо таъсис ёфт. Ҳадафаш инкишофи муҳити соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, вусъати ислоҳоти иқтисодӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, беҳтар кардани сифат ва рақобатпазирии молҳои ватанӣ, роҳ ёфтан ба бозорҳои хориҷӣ, афзудани шарикони тиҷоратӣ, содагардонии савдои байналмилалӣ, таъмини баробарҳуқуқӣ ва шаффофият, мусоидат ба рушди босуботи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Асосҳои ҳуқуқии созмонро созишномаҳои генералӣ оид ба тарифҳо ва савдо, доир ба тиҷорати хизматрасонӣ, созишнома оид ба ҷабҳаҳои тиҷоратии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, инчунин созишномаҳои дигар ташкил медиҳанд, ки дорои қувваи ягона барои ҳамаи давлатҳои аъзо мебошанд.

**- Яке аз шартҳои калидии дохил шудани кишварҳо ба ин созмон мутобиқгардонии қонунгузорӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ мебошад. Аз ҷониби Тоҷикистон ин талабот иҷро шуд ва раванди шомилшавӣ чӣ гуна ҷараён гирифт?**

- Зиёда аз 80 фоизи кишварҳои ҷаҳон, ки дорои бузургтарин иқтидорҳои иқтисодӣ мебошанд, ба СУС пайвастанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи майи соли 2001 дархостро ба котиботи он барои дохил шудан ирсол намуд. Моҳи июли соли 2001 шӯрои генералии СУС дар ҷаласаи худ дархости Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, оид ба таъсис додани гурӯҳи корӣ доир ба баррасии масъалаи дохилшавии кишвари мо ба СУС ва ба Тоҷикистон додани мақоми кишвари нозир қарор қабул намуд. Инчунин, бо мақсади пайгирии минбаъдаи масъалаи шомилшавӣ ба созмон ва пешбурди фаъолияти минбаъда дар ин самт дар мақомоти марбутаи кишвар таҷдиди сохторӣ гузаронида шуд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди дохилшавии кишварҳо ба СУС хеле мураккаб мебошад ва ба давлатҳои нозир зарур аст, ки қонунгузории ҷории худро ба талаботу меъёрҳои он мутобиқ намуда, бо кишварҳои аъзо оид ба низоми савдои хориҷӣ, шароити дастрасӣ ба бозори мол ва хизматрасониҳо, ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеҳсолкунанда ва дигар самтҳо гуфтушунид баргузор намоянд. Бинобар ин, вохӯриву мулоқоти ҷониби кишвари мо бо давлатҳои аъзои СУС дар ду шакл: мулоқоти дуҷониба ва бисёрҷониба гузаронида шуданд. Дар нуҳ қисмати гуфтушунидҳо намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1300 дархосту саволи давлатҳои аъзои СУС ҷавоб доданд. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш гуфтушуниди дуҷониба оид ба масоили дастрасӣ ба бозори хизматрасонӣ ва 13 гуфтушуниди дуҷониба оид ба масоили дастрасӣ ба бозори молҳоро баргузор намуд. Баҳри тезонидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС шароити мусоид фароҳам гардида, бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи байниидоравӣ оид ба омодагии раванди дохилшавии Тоҷикистон ба СУС таъсис дода шуд. Илова бар ин, бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои СУС корҳои зиёд амалӣ гардида, заминаи мустаҳками меъёрию ҳуқуқии ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ҷавобгӯ ташкил шуд.

Мутобиқ намудани қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёру қоидаҳои СУС заминаи ҳуқуқии дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС буда, мувофиқа намудани қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёрҳои СУС амалӣ гардид. Дар ин раванд беш аз 100 ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардид. Аз оғози раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Канада, ИМА, Ҷопон, Хитой, Ҳиндустон, Туркия, Таиланд, Тайван, Доминикан, Гондурас, Салвадор, Шри-Ланка, Корея ва Украина ҷиҳати гузаронидани мулоқоти дуҷониба бо Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба роҳ ёфтан ба бозори мол ва хизматрасониҳо дархост намудаанд.

Сатҳи миёнаи боҷ барои ҳама навъи мол дар байни 24 давлати рӯ ба инкишофи дар солҳои наздик ба СУС шомилшуда, 11,4 фоизро ташкил медиҳад ва ин нишондод барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 8 фоиз қарор дорад. Гурӯҳи кории Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни гуфтушунид тавонист ба дастоварде ноил гардад, ки натиҷаи он садди коҳиш ёфтани қисмати даромади буҷети давлатии кишварамон мегардад. Масалан, дар соҳаи кишоварзӣ, новобаста ба он ки сатҳи миёнаи охирини боҷ барои маҳсулоти кишоварзӣ 10,4 фоизро ташкил медиҳанд, Тоҷикистон боҷи баландро нисбат ба молҳои стратегӣ нигоҳ дошт. Меваи хушк (15-20 фоиз), асал (20 фоиз), меваву сабзавоти тозаи омодашуда (20-23 фоиз), пилла ва пахта, (20 фоиз) маҳсулоти машруботӣ (18-23 фоиз) аз ҳамон ҷумлаанд.

10-уми декабри соли 2012 шӯрои генералии СУС ҳисоботи гурӯҳи корӣ ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳои вобаста ба раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС-ро баррасӣ намуда, қобили қабул шуморид. Протокол оид ба ҳамроҳшавии кишвари мо ба СУС аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва директори генералии онвақтаи СУС Паскал Ламӣ ба имзо расид. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи шомилшавиро тасдиқ намуд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми марти соли 2013 расман узви комилҳуқуқи СУС гардид, ки ин дастоварди арзанда дар даврони соҳибистиқлолии давлатамон ба шумор меравад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи декабри соли 2012, ҳангоми баимзорасонии протоколи шомилшавии Тоҷикистон ба СУС қайд намуда буданд: «Дар таърихи ҳар миллат рӯйдодҳои муҳиме ба вуқӯъ мепайванданд, ки дар сарнавишти минбаъдаи он нақши ҳалкунанда доранд. Имрӯз 10-уми декабри соли 2012, яъне санаи дохилшавии кишвари мо ба СУС дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷумлаи рӯйдодҳое мебошад, ки бевосита ба рушди минбаъдаи устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунад».

**- Дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС барои расидан ба ин ҳадафи стратегии кишвар то кадом андоза мусоидат кард?**

- Соли 2014 «Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар СУС» қабул гардид, ки нақшаи чорабиниҳои он аз 75 тадбир ва 9 қисм вобаста ба пешбурди фаъолияти умумии савдо, аз қабили монеаҳои техникӣ дар савдо, чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ, хизматрасониҳо, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, андешидани чораҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат, инчунин маориф иборат мебошад. То ба ҳол, дар маҷмӯъ, 60 банд, яъне 80 фоизи он иҷро гардидааст. Дар раванди қабули барнома ба 100 санади меъёрии ҳуқуқӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, дар доираи татбиқи он зиёда аз 55 санади меъёрии ҳуқуқӣ дар самти беҳтар кардани фаъолияти савдои хориҷӣ ва мусоидаткунандаи рушди иқтисоди кишвар ба тасвиб расид. Ҷиҳати ҷоннок намудани корҳо дар чаҳорчӯбаи низоми шаффофият ва бо мақсади дастрас будани маълумоти зарурии марбут ба савдо сомонаи интернетии махсуси СУС ва Тоҷикистон (www.wto.tj) фаъол гардид.

Инчунин, ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо дар назди СУС соли 2016 Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба содагардонии расмиёти савдо таъсис дода шуд, ки ҳамчун майдони хуби ҳалли масъалаҳои рушди савдо байни намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд ва бахши хусусӣ фаъолият намуда, то ҳол 15 ҷаласаи он баргузор гардид. Дар ҷаласаҳо вобаста ба соҳаи нассоҷӣ, кешбофӣ, дӯзандагӣ, эътирофи сертификатҳо, гузаргоҳҳои сарҳадӣ, рушди содирот, содагардонии расмиёти савдо, кам кардани хароҷоти расмиёти содиротию воридотӣ, транзити молҳо, савдои электронӣ қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ бо қарори дахлдори Ҳукумати кишвар моҳи ноябри соли 2013 шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ таъсис ёфт. Дастоварди дигаре, ки мо дар давраи узвият ноил гардидем, ин соли 2019 расман мавриди истифода қарор додани портали савдои Тоҷикистон мебошад. Он байни давлатҳои Осиёи Марказӣ аввалин буда, маълумоти муфассал оид ба расмиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ бо се забон пешниҳод мегардад. Дар маҷмӯъ, портал доир ба расмиёти содиротию воридотӣ ва транзитии 61 гурӯҳи молӣ, аз ҷумла 28 расмиёти содиротӣ, 30 расмиёти воридотӣ ва 3 расмиёти транзитӣ маълумот пешниҳод мекунад, ки зиёда аз 1500 номгӯи молу маҳсулотро дар бар мегирад. Ба ҳолати 1-уми январи соли 2023 дар портали савдои Тоҷикистон 372 ҳазору 912 истифодабаранда аз 170 кишвари ҷаҳон ба қайд гирифта шудаанд.

**- Аз дохилшавии ҷумҳуриамон ба СУС даҳ сол сипарӣ гардид. Натиҷаҳо чӣ гунаанд?**

- Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва дар натиҷаи ислоҳоте, ки дар даҳ соли узвият дар СУС амалӣ карда шуданд, пешравиҳо назаррас буда, рушди миёнаи иқтисодӣ 7,1 фоиз таъмин гардид. Дар ин давра ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилии воқеӣ 2,9 баробар, ММД ба ҳар сари аҳолӣ - 2,3, маҳсулоти саноатӣ - 4,3, сармояи асосӣ - 2,8, маҳсулоти кишоварзӣ - 2,4, савдои чакана - 3,3 ва буҷети давлатӣ се баробар афзуд. Рушди соҳаи хизматрасонӣ низ назаррас буда, ҳиссаи он дар ММД 41,3 фоизро дар соли 2022 ташкил дод. Сатҳи камбизоатӣ дар кишвар тамоюли коҳишёбиро касб намуда, аз 35,6 фоиз дар соли 2013 то 22,5 фоиз дар соли 2022 расид. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ аз 4 миллиарду 988,8 млн. доллари ИМА дар соли 2013 ба 7 миллиарду 512,9 млн. доллар дар соли 2022 расид. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии байналмилалӣ, аз ҷумла мувофиқи арзёбии ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки ҷаҳонӣ дар байни 190 кишвари ҷаҳон, 35 зина боло рафт ва Тоҷикистон дар солҳои охир чор маротиба ба даҳгонаи кишварҳои пешқадами ислоҳотгар шомил шуд.

Бо мақсади дарёфти бештари манфиат аз узвият дар СУС бо истифода аз имтиёзҳои пешниҳоднамудаи ин ниҳоди ҷаҳонӣ дар солҳои оянда Ҳукумати кишвар бо назардошти зарфиятҳои мавҷудаи иқтисодӣ ва имкониятҳои истифоданашуда нақшаҳои зиёд дорад. Тақвияти истеҳсолоти маҳсулоти дохилӣ ва сифатноку рақобатпазир намудани он, шомилшавии Тоҷикистон ба низоми бархӯрдории тиҷорати Иттиҳоди Аврупо (GSP+), ки меъёри сифрии боҷи гумрукиро нисбат ба маҳсулоти ватанӣ фароҳам меорад, боз ҳам сода намудани расмиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ, бо ҷалби сармояи шарикони рушд таъсис додани марказҳои логистикӣ, озмоишгоҳҳо, рушди савдои электронӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии бахши хусусӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

**Мусоҳиб Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ПАЁМ ВАЗИФАҲОРО МУАЙЯН МЕКУНАД

**Яке аз рӯйдодҳои муҳими соли 2022 ин ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Паём дар саҳифаи таърихи соли 2022 ҳамчун ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ, барномаи муайянкунандаи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.**

Тавре аз Паём бармеояд, рушди устувору босуръати ҳама тарафҳои ҳаёти ҷомеаю давлат ба сиёсати ҳуқуқӣ вобаста аст: «Ин вазифа аз мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, пеш аз ҳама, аз парламенти кишвар талаб менамояд, ки фаъолияти худро ҳамаҷониба тақвият бахшад».

Таъкиди Сарвари давлат ҳушдор медиҳад, ки ҳанӯз ҳам қонунҳои номукаммал, дорои ихтилоф ва холигиҳо ҷой доранд, ки онҳо ба рушду нумӯи ҷумҳурӣ монеъ мешаванд.

Бар ҳамин асос пешниҳод мегардад, ки ҳамкории парламенти мамлакат бо дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла бо субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббусҳои қонунгузор ва татбиқи ҳуқуқ, вусъат дода шавад. Ин пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қонунҳоро мукаммал, сифати онҳоро беҳтар мегардонад. Субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон мебошанд. Ба субъектҳои татбиқи ҳуқуқ мақомоти олии ҳокимияти иҷроия, яъне Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти марказии идоракунии ҷумҳуриявӣ (вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар идораҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳамчунин мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, ташкилоту корхонаҳо дохил мешаванд.

Президенти мамлакат таъкид менамоянд, ки фаъолияти мақомоти судӣ ҷиҳати таъмину таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба рушди минбаъдаи ин муносибатҳо пайваста таҳкиму такмил дода шавад. Бо мақсади иҷрои ин кор, масалан, ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад, ки камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намояд, кадрҳоро дуруст интихоб ва ҷо ба ҷо гузорад, барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳо андешад.

Мо - кормандони мақомоти судро басо хуш омад, ки ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои экстремистию террористӣ ва ҷиноятҳое, ки ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ паҳн мешаванд, дар ҷумҳурӣ Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис меёбад. Дилпур будан мумкин аст, ки дар маркази ташкилшаванда маълумот доир ба терроризм, роҳу усулҳои содиршавии ҷиноятҳо, технологияи иттилоотию коммуникатсионии истифодашаванда ва дигар иттилоот гирд оварда, ба мақомоти дахлдор, аз ҷумла ба суд, ба сифати маркази ёрирасон хизмат мекунад.

Дар айёми мо эҳсоси ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ барои шукуфоии кишвар, кам шудани ҷинояту ҷинояткорӣ аҳамияти ниҳоят калон дорад. Бесабаб нест, ки Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳифзи истиқлолияту озодии Тоҷикистон ва дастовардҳои бузурги он - сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро қарзи инсонӣ, вазифаи шаҳрвандӣ ва рисолати имонии ҳар як сокини бонангу номи диёр медонад.

«Мо, - таъкид карданд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - тамоми донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро минбаъд низ ба рушди давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон равона кунем, кишвари маҳбубамонро пешрафта гардонем ва барои наслҳои оянда як мулки обод мерос гузорем».

Халқи тоҷик, мардуми сулҳхоҳи ҷаҳон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун наҷотбахши давлат, сарҷамъкунандаи миллат, эҳёгари фарҳанги миллӣ ва бунёдгари мактаби давлатдории навин мешиносанд. Халқи тоҷик заҳмату талошҳои шабонарӯзии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мушоҳида мекунад ва мебинад, ки ин шахсияти таърихӣ ба тамоми паҳлуҳои ҳаёт бо чашми хирад нигариста, барои гулгулшукуфии Ватани азизаш, барои муттаҳидии халқаш донишу ғайрату тавоноияшро дареғ намедорад.

**Шодӣ НАЗАРЗОДА,**
**судяи Суди ноҳияи Файзобод**

Фикр хунро мехӯрад, то ранг мегирад сухан

**Зебоии зиндагӣ вақте ошкор мегардад, ки онро дида тавонем, ба он маърифат дошта бошем. Огоҳӣ аслан ба мо аз хубиҳо, таҷаллиҳо ва аз диёри ишқу завқ хабар меорад. Ба мо мегӯяд, ки чӣ хуб асту чӣ зишт.**

Онҳое, ки эҷодкоранд, бо олами халоқият иртибот барқарор мекунанд ва ҳамин чиз боис мегардад, ки наққошие, муҷассамае биёфаранд, шеър ё достоне эҷод кунанд. Нависандаи машҳури араб Ҷуброн Халил мегӯяд: «Зиндагӣ фаттонати мушоҳидон аст».

# ЗИНДАГӢ ФАТТОНАТИ МУШОҲИДОН АСТ

Вақте китоби Қурбон Шарифӣ «Занкалон»-ро, ки маҷмӯи памфлетҳояшро дар бар мегирад, хондам, ӯро эҷодкоре муваффақу мушоҳидакор шинохтам. Мавсуф ҳатто ба резтарин чиз таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ҳам айб, ҳам камолашро пайдо месозад. Вай аз мо мегӯяд, ба мо мегӯяд: камбудамонро, бемасъулиятиамонро, бетафовутиамонро. Гоҳе ҳам тафаккури сода, андешаҳои хомамонро бо оҳанги танз ошкор менамояд.




Дар баъзе аз памфлетҳои Қурбон Шарифӣ як навъ танзе вуҷуд дорад, ки олудаи дард аст. Нависанда ҳақиқатеро баён месозад, ки мушоҳида кардааст. Масалан, дар памфлети «Реаниматсия» мехонем: «Ош, оби сурху сафед, паниру ҳасибу шоколад, меҳмондории духтури навбатдору ёваронаш – ин реаниматсия.

Пул «барои духтурҳо», пул барои наркоз, пул барои докаву қайчӣ, пул барои ҷарроҳу ёваронаш, пул барои либосу дастпӯши ҷарроҳ, ки «ҳангоми ҷарроҳӣ ифлос шудаанд», пул барои «духи», духи барои хушбӯии утоқи бемор, ду «обший тетрад» барои «историяпуркунӣ» - ин реаниматсия…

Ҷои ғам, ҷои умеду ноумедиҳо, ҷои тарс, ҷои ҷонбахшию ҷонбезорӣ – ин реаниматсия».

Бо чунин сифат карданҳо ҳолу ҳавои шуъбаи эҳёи беморхонаеро ба тасвир мекашад, ки бо хондану шунидани ин ҳол дили кас ба дард меояд, аммо ин саргардониву давуғеҷ танҳо ибтидои кор аст, табобати бемор низ пули бисёр мехоҳад. Ана, ҳамин ҳақиқати талхи ҷомеа оромишро аз дили нависанда мегирад, ӯро маҷбур месозад бо неруи қалам ба муқобили он мубориза барад.

Тарзи баён ва пешниҳоди мавзӯъ дар памфлетҳо низ хеле ҷолиб аст. Забони онҳо хушку якранг нест, муаллиф аз қувваи хаёл низ моҳирона истифода мебарад. Ин чиз боис мегардад, ки хонанда бо завқ онҳоро бихонад.

Ёдрас шудан бамаврид аст, ки солҳои охир навъи памфлет дар рӯзномаву маҷаллаҳо ягон-ягон ба чашм мерасад, ки ҷои нигаронист. Аммо хушбахтона, як қисмати муҳими фаъолияти эҷодии Қурбон Шарифиро ин навъи муҳим дар бар мегирад. Маҷмӯаи «Занкалон» далели гуфтаи мост. Ин китоб собит менамояд, ки Қурбон Шарифӣ дар навиштани навъи памфлет устод аст.

«Аз бозе, ки худро мешиносам, касе ба дастонам об нарехтааст, вале баъд аз зангирӣ раваду дастонамро худам шӯям – ман занкалон.

Хоҳарам, ки 14 сол боз хона мерӯфт, пас аз янгадориаш, агар як саҳар бо ҳамин ният аз хоб хезад – ман занкалон». Бо чунин баёни таваҷҷуҳбарангез оғоз мешавад памфлети «Занкалон». Аслан барои нависанда хеле муҳим аст, ки асарро чӣ гуна оғоз мекунад ва он то чӣ андоза таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб месозад. Яке аз хусусиятҳои памфлетҳои китоби мавриди назар он аст, ки бо андешаи ҷолиб ва ғайриинтизор оғоз мешаванд. Чизи дигаре, ки ба мушоҳида мерасад мавзӯъро ҳамаҷониба хуб омӯхтан ва ҳама паҳлуҳояшро ба назар гирифтан мебошад. Аз ин ҷост, ки Қурбон Шарифӣ ба қавле, пӯсткандаи гапро мегӯяд ва танқидаш низ ҳадафрас аст.

Дар памфлети «Занкалон» нависанда ба боварҳои зиёновар ва баъзе суннатҳои беҷои хонаводагӣ рӯ меорад ва онҳоро мазаммат месозад. Бовару суннатҳои сохтае, ки зиндагиро талх, қадру қимати инсонро паст, ҳуқуқашро поймол менамояд.

Бегоҳӣ Хуршед ба ҳамсараш Хиромон мегӯяд, ки шунидам тӯй доштаед. Хиромон сухани шавҳарашро тасдиқ кард:

«- Модарам навиштаанд, ки агар имкон бошад, як-ду рӯз пештар рафта, ба пухтупаз ёрӣ расонам, - нимшунаво гуфт Хиромон. Гуфту дар бало монд.

Чашмони Хуршед хун гирифтанд ва садои гӯшхарошаш ба осмон печид.

- Ба ту дар таги чодар гуфта будам, ки ман занкалон не, агар гапам дуто шавад, пушаймон мешавӣ, - гуфтани шавҳарашро дар ёд дораду халос…».

Барои сар задани моҷаро сабаб лозим аст, ҳатто як калима, як табассум, як нигоҳ кифоя аст, ки балое хезаду мушкил ба вуҷуд орад. «Як-ду рӯз пештар рафта, ба пухтупаз ёрӣ расонам» гуфтани Хиромон ба иззати нафси шавҳараш мерасад. Ҳамон иззати нафсе, ки аслан вуҷуд надорад, балки гумроҳӣ, худхоҳӣ, ҷаҳолати ӯ боиси бадбахтӣ мегардад. Яъне ӯ занкалон нест, зан ҳатто барои ӯ вуҷуд надорад, худаш ҳам шоҳ асту ҳам вазир, чӣ хеле хоҳад рафтор мекунад. Зан канизи дари хонааш аст, ҳуқуқе надорад.

Масъалаи занкалонӣ, воқеан ҳам, дар ҷомеаи мо мавзӯи хеле муҳим аст. Қурбон Шарифӣ хубу ҳадафрас ин масъаларо баррасӣ менамояд. Ба дарду доғи хонаводаҳо мубаддал гаштани онро матраҳ мекунад ва ҳушдор медиҳад, ки ба худ оем, андешем ва аз боварҳои зиёнбор худро халос созем.

Ҳамин тавр, памфлетҳои китоб хонданиву ҷолибанд, ки дар як матлаб наметавон дар бораи ҳамаи онҳо суҳбат кард. Аз хондани маҷмӯаи мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки жанри памфлет, навиштани он аз воқеае мебошад, ки мухолифи ҷомеа ё рӯзгори мо қарор дорад. Ин жанр ба нависанда имкон медиҳад, ки айбу нуқси ҷомеаро ошкор созад, зери тозиёнаи танқид гирад ва маҳкум намояд. Хосияти дигари памфлет он аст, ки мо - инсонҳоро ҳушдор медиҳад, огоҳ месозад, мисли оина рӯзгорамонро инъикос менамояд.

**ВОРИС,**
**«Садои мардум»**

Проблема ва мулоҳиза

**Картошка ва нонҳои хушки бирёншуда аз озуқаи маъмул дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар кишвари мо низ муштарии зиёд дорад ва баъзеҳо онро мунтазам истеъмол мекунанд. Аммо дар бораи зарари ин маҳсулот ба организм касе фикр намекунад. Мутаассифона, истеъмолкунандагони асосии ин ғизо кӯдакону наврасон мебошанд. Дар баробари кӯдакон калонсолон низ, зимни тамошои телевизор, картошкаи бирёншуда ё нони хушк истеъмол менамоянд.**

Дар назари аввал нонҳои хушк дар бастаҳои комилан «безарар» гирифта шудаанд. Ин маҳсулот на танҳо нонҳои хушк ва пухташуда мебошанд, балки истеҳсолкунандаҳо иловаҳои хушбӯйкунандаро, ки Акриламид ҳангоми пухтан ё бирён кардани хӯрокҳои гуногун ба вуҷуд меояд. Олимон робитаи мустақим байни истеъмоли акриламид ва пайдоиши саратонро муқаррар намудаанд. Занҳое, ки маҳсулоти дорои акриламидро истеъмол мекунанд, дар онҳо 2 маротиба бештар хатари пайдоиши саратон дида мешавад. Инчунин, моддаи мазкур ба ҷуз хосиятҳои кансерогенӣ метавонад ба системаи асаб осеб расонад ва боиси мутатсияҳои генетикӣ гардад.

Махсусан, истифодаи картошкаҳои бирён ва нони хушк барои кӯдакони хурдсол ва занони ҳомила хатарнок аст. Оқибати хӯрдани картошкаи бирён барои кӯдакони то 4-сола бебозгашт аст. Ба гуфти олимон, зарари картошкаҳои бирён ва нонҳои хушк барои занони ҳомила бо тамокукашӣ баробар аст ва метавонад ДНК - ро вайрон кунад.

# ОЁ ХӮРОКҲОИ ДӮСТДОШТАИ КӮДАКОН БЕЗАРАР АСТ?



Олимони Институти тадқиқоти тандурустии Брэдфорд робитаи байни сатҳи акриламид ва коҳиши вазни навзоду ҳаҷми мағзи сарро муайян кардаанд.

Дар ин бора ақидаи профессор Ҷаҳон Азонзод низ чунин аст ва ба кӯдакони то 4 - сола истеъмоли картошкаҳои бирён ва нонҳои хушкро қатъиян манъ мекунад, зеро он ба инкишофи рӯҳии кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад ва пас аз истеъмоли он вобастагӣ пайдо намуда, ғизои одӣ ба назарашон бенамак ва бетаъм менамояд. Олимони Донишгоҳи Бристоли Британияи Кабир, тавонистанд исбот кунанд, ки зарари картошкаҳои бирён ва нонҳои хушк бо бад шудани фаъолияти майнаи сар ва мушкилоти хотира алоқаманд аст.

Баъзан картошкаи бирён ва нони хушкро барои сарфа кардани маблағ дар равғани техникӣ, ки барои пухтупаз тамоман пешбинӣ нашудааст, бирён мекунанд. Илова бар ин, аз равғанҳои гидрогеншуда ё трансчарбӣ низ истифода мебаранд, ки молекулаҳои онҳо мембранаҳои ҳуҷайраро мебанданд ва ҳуҷайраҳо мемиранд. Равғанҳои трансчарбӣ ба ҳуҷайраҳои асаб таъсири манфӣ мерасонанд. Одам асабонӣ шуда, изтироб ва депрессияро инкишоф меёбад.

- Истеъмоли дарозмуддати ин ба саломатии инсон хатарноканд, ҳамроҳ мекунанд. Ба гуфти олими ғизошинос, профессор Ҷаҳон Азонзод аксари онҳо кансерогенҳои хатарноканд, ки таҳрикдиҳандаи бемории саратон буда, ба системаи асаб зарар мерасонанд ва ҳатто боиси мутатсияҳои генетикӣ мегарданд. Номбурда, инчунин гуфт, ки дар ин маҳсулот глутамати натрий, ки инсонро ба монанди никотин ба худ банд месозад, илова мекунанд. Истифодаи ин модда дар ғизо метавонад ба бемориҳои ҷигар, дарди сар, захми меъда ва ҳатто диабети қанд оварда расонад.

Картошкаҳои бирёншуда низ ба саломатии инсон то андозае зараровар аст.

Олимони Донишгоҳи Маастрихт чанде пеш дар ҷараёни таҳқиқоти васеи илмӣ кашф карданд, ки ҳангоми зуд - зуд иваз накардани равған дар он кансерогенҳо, ба монанди акриламид, ҷамъ мешавад. хӯрокҳо метавонад ба ихтилоли шадиди асаб, майнаи сар, сактаи дил ва инсулт оварда расонад, зеро равғанҳои трансчарбӣ ба таҳшиншавии пулакчаҳои холестерин дар деворҳои рагҳои хунгард мусоидат мекунад. Инчунин, равғанҳои трансчарбӣ барои ҷигар бениҳоят зараровар мебошад, - афзуд Ҷаҳон Азонзод.

Моддаи дигари зарарнок дар ин маҳсулот намаки аз меъёр зиёд аст, ки он ҳам метавонад боиси бемориҳои системаи дилу раг, гурда ва рӯдаю меъда гардад. Инчунин, фишорро баланд карда, ба афзоиши қади кӯдакон низ монеъ мешавад. Хулоса, мунтазам истеъмол намудани чунин ғизо саломатиро осебпазир менамояд. Аз ин рӯ, мо бояд худ қарор диҳем, ки кадом навъи ғизоро интихоб кунем.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

# ВАНҶ: СОҲАИ МАОРИФ РУШД МЕЁБАД

**Дар ноҳияи Ванҷ мисли дигар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Дар муддати кӯтоҳ дар ҳудуди шаш Ҷамоат, аз ҷумла деҳоти дурдаст ва баландкӯҳи водиҳои Ванҷи боло ва Язгулом биноҳои нави муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Сохтмони як қатор иншооти дигари соҳа дар арафаи анҷомёбист.**

Бинои сеошёнаи шуъбаи маориф, воқеъ дар шаҳраки Рохарв, низ аз иншоотест, ки бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардида, дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Барои сохтмони он аз ҷониби Вазорати маориф ва илми кишвар ва шарикони рушд зиёда аз 4 миллиону 400 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, бунёди онро сохтмончиёни ҶДММ «Текстилконстрактстрой»-и шаҳри Душанбе ба зимма доранд.

Тавре мудири шуъбаи маорифи ноҳия Саодатқадам Давлаталиев изҳор дошт, бинои нави шуъбаи маориф дорои 12 утоқи корӣ, толори маҷлисгоҳ барои 90 нафар, меҳмонхона ва маркази технологияи иттилоотӣ мебошад.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА,**
**«Садои мардум»**

Нигаронӣ

# ВАҚТЕ КИ ОИЛА ПОШ МЕХӮРАД...

**Пошхӯрии оилаҳо мавзӯи нав набуда, дарди музминеро шабеҳ аст. Ҳузновар аст, вақте ки тадбирҳои ба ин хотир андешидаи Ҳукумати кишвар, мақомоти суд ва Кумитаи кор бо занон ва оила илоҷи кор шуда наметавонанд. Дар ин самт ҳисоботи оморӣ ҳамоно нигаронкунандаанд.**

Тибқи иттилои Кумитаи кор бо занон ва оила агар соли 2021 дар кишвар 3714 ҳолати ҷудошавии оилаҳо ба қайд гирифта шуда бошад, ин рақам дар соли 2022 ба 3876 расидааст.

Сол ба сол зиёд гардидани бекоршавии ақди никоҳ маънои онро дорад, ки бо ин сабаб ҳамасола дар бисёр оилаҳо беҳтарин арзишҳои инсонӣ мешикананд. Равоншиносон ин ҳолатро барои кулли аъзои оила садама унвон мекунанд. Дар ин гуна садамаҳо ҳам волидон ва ҳам кӯдакони онҳо осеби равонӣ мегиранд, ки дер шифо меёбанд ва ё ҳеҷ гоҳ.

Соли гузашта ба Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 765 ариза барои бекор кардани ақди никоҳ ворид гардид, ки нисбат ба соли пеш зиёд мебошад. Албатта, кори суд танҳо баррасии ариза ва бекор кардани ақди никоҳи оилаҳо нест, балки дар давоми омӯзишу баррасии аризаҳо тавассути муҳлат додан, бо ҳам пайвастани оила ва ба ин восита пешгирии ҷудошавии онҳост. Соли сипаришуда кормандони Суди ноҳияи Фирдавсӣ 175 оиларо аз ҷудо шудан эмин доштанд, вале оилаҳои боқимонда бо қарори суд пароканда шуданд. Аламовар он аст, ки баъзе аз оилаҳо бо сабаби ночиз аз ҳам ҷудо мешаванд. Аз ин метавон чунин хулоса намуд, ки онҳо ҳанӯз ба оиладорӣ омода нестанд, - гуфт корманди Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Саёҳат Толибзода.

Уламои Маркази исломии ҷумҳурӣ низ пошхӯрии оилаҳоро бисёр нигаронкунанда арзёбӣ намуда, мушкили асосиро дар надоштани маълумоти кофӣ дар бобати оиладорӣ медонанд.

Ба иттилои мухбири рӯзномаи «Садои мардум» дар вилояти Суғд Мирзоаъзам Мақсудов, раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода низ дар ҷаласаи ҷамъбастии соли 2022 аз пошхӯрии оилаҳо нигаронӣ намуда, масъулонро муваззаф намудааст, ки омилҳоро



омӯхта, барои ислоҳи вазъ чораҳои мушаххас андешанд.

Омӯзиши мавзӯъ нишон медиҳад, ки хушунати хонаводагӣ, бемории зан ё шавҳар, камбизоатӣ, дахолати шахсони сеюм, хиёнат, сабабҳои дигаре ҳастанд, ки боиси пошхӯрии оилаҳо мегарданд.

Наргис Мақсудова - вакили маҷлиси вакилони Ҷамоати деҳоти «Чортеппа»-и ноҳияи Рӯдакӣ, ки ҳамзамон, раиси Шӯрои бонувони ҷамоат мебошад, гуфт, ки: «Роҳи зиндагӣ ҳамвор нест, шебу фарози зиёд дорад, аммо таҳаммулпазир бояд буд».

Мушкили дигаре, ки баъдтар ҳалли он душвор мегардад, тарбияи фарзандон мебошад. Фарзандон дар тарбияи яке аз волидон мемонанд, бештар дар фазои носолим ба воя мерасанд ва бештар вақт на танҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ, балки равонӣ низ азият мекашанд. Мувофиқи санҷишҳо, 99 дарсади оилаҳо бо ҷангу ҷидол аз ҳам ҷудо мегарданд ва дар натиҷа ду ҷониб якумр душмани ҳамдигар боқӣ мемонанд. Табиист, ки ин ҳама дар ҳузури кӯдакон рух медиҳад ва онҳо шоҳиди чунин ҳаводиси номақбул мегарданд. Собит шуда, ки мурофиаҳои судӣ низ ба равони на танҳо тифлакон, балки калонсолон ҳам таъсири бад дорад.

Мушоҳидаҳо ошкор сохтаанд, ки баъд аз ҷудо шудани оилаҳо кӯдакон бештар дар тарбияи модарон мемонанд. Агар зани ҷавон дигарбора оила барпо намояд, тарбияи кӯдак бар дӯши бобову бибӣ меафтад. Яъне, кӯдак дар хурдӣ аз муҳаббати волидон, ки ҷойи онро чизи дигаре гирифта наметавонад, барои ҳамеша маҳрум мегардад. Худро танҳо ва бе ҳимоя эҳсос менамоянд. Албатта, барои падару модар низ дурӣ аз фарзанд чандон кори саҳл нест. Ин барои на танҳо кӯдак, балки падару модари кӯдак садама унвон мешавад.

Кӯдаконе, ки дар оилаҳои солим ба воя мерасанд, табиист, ки аз ҷониби оила ҳамеша ва ҳамаҷониба дастгирӣ меёбанд. Онҳо муҳимтарин арзишҳои инсонӣ ва фарҳанги оиладориро маҳз дар ҳамин муҳити солими оила аз худ менамоянд.

- Таҷрибаи бисёр кишварҳост, ки ҷавонон қабл аз хонадоршавӣ махсусиятҳои оиладориро меомӯзанд, ки роҳи муассири пешгирии вайроншавии хонаводаҳост, - афзуд Саёҳат Толибзода.

- Дар ҳоле ки талоқи мусалмонӣ дода шуда, чизу чораи оила байни онҳо тақсим шудааст, баъд барои бекор кардани ақди никоҳ муроҷиат мекунанд, ки дигар бо ин оилаҳо кор бурда наметавонем. Агар сари вақт ба мо муроҷиат кунанд, бо маслиҳат ва мудохила пеши роҳи вайроншавии оилаҳоро гирифтан имкон дорад, - илова намуд Наргис Мақсудова.

Дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик оила ниҳоди муқаддас эътироф шудааст. Аммо вақте оила пош мехӯрад, ин ниҳод моҳияти худро аз даст медиҳад. Ба ин хотир, дар ислоҳи кор ҷомеа набояд бетараф бошад. Калонсолон, ки печутоби зиндагиро дидаанд, бояд, ки ба ҷавонон атрофи зиндагӣ ва ҳикмати он, вазифаи асосии падару модар маълумот диҳанд. Дар ин сурат оилаҳо то ба пошхӯрӣ намерасанд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 20-уми марти соли 2023 музоядаи № 9-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ | Соли бароришё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ГАЗ – 53-12 | 04-92 | 1996 | Филиали ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 8 000 |
| 2 | ИЖ – 2715 | 49-63 | 1995 | Филиали ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 6 400 |
| 3 | ГАЗ – 66 | 11-02 | 1983 | Филиали ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 16 000 |
| 4 | Электропогрузчики К-103 | | 1996 | Филиали ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 4 800 |
| 5 | ГАЗ – 52 | 04-97 | 1985 | Филиали ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 16 000 |
| 6 | Чанган | 454 ZC 01 | 2009 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 12 000 |
| 7 | Чанган | 455 ZC 01 | 2009 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 8 000 |
| 8 | Чанган | 442 ZC 01 | 2008 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 12 000 |
| 9 | Чанган | 439 ZC 01 | 2008 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 12 000 |
| 10 | ГАЗ – 52-12 | 479 ZC 01 | 1988 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 12 000 |
| 11 | СН-6390 в РТ 01 | 446 ZC 01 | 2007 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 8 000 |
| 12 | ГАЗ – 52 | 491 ZC 01 | 1982 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 16 000 |
| 13 | ГАЗ – 53 | 482 ZC 01 | 1989 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 14 400 |
| 14 | Автопогрузчики 4045 | 18-43 TT 01 | 1985 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 4 000 |
| 15 | ГАЗ – 5204 | 477 ZC 01 | 1989 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 15 000 |
| 16 | Автобуси ЧАЗ - 3223 | 472 ZC 01 | 2008 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 12 000 |
| 17 | ГАЗ – 66 | 476 ZC 01 | 1988 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 20 000 |
| 18 | ГАЗ – 330900 | 486 ZC 01 | 1998 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 16 000 |
| 19 | Автопогрузчики ДР-1621 | 6818 | 1987 | ЧСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | 16 000 |
| 20 | ЗИЛ – 131 Бензовоз | 280 ZT 01 | 1990 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 36 000 |
| 21 | Мерседес – Бенс | 82-21 В | 2008 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 13 000 |
| 22 | Урал – 375-10-АМ | 52-02 Т РТ 01 | 1978 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 36 000 |
| 23 | УАЗ – 3903 | 65 | 1998 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 12 000 |
| 24 | Ниссан | 64 | 1993 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 28 000 |
| 25 | УАЗ – 31-512 | 35-41 А 01 | 2001 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 9 600 |
| 26 | ГАЗЕЛ – 33023 | 51306 | 2005 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 14 400 |
| 27 | Нива | 51308 | 1981 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 6 400 |
| 28 | УАЗ – 2206 | 15007 | 1999 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 8 000 |
| 29 | ВАЗ – 21061 | 5107 | 1982 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 2 400 |
| 30 | ГАЗ – 6605 | 13-58 А 01 | 1982 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Телерадиоком» | 24 000 |
| 31 | Стансияи электрикӣ | 635 | 1985 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 7 200 |
| 32 | Стансияи электрикии сайёр бо тавоноии 30 кВт | 604 | 1988 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 7 200 |
| 33 | Булдозери Д – 572 | 21 | 1983 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 72 000 |
| 34 | Булдозери Д – 572 | 23 | 1984 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 64 000 |
| 35 | Булдозер ДЗ – 110 | 30 | 1984 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 64 000 |
| 36 | Булдозери ДЗ – 110 | 31 | 1986 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 44 000 |
| 37 | Скрепери ДЗ-77 | 117 | 1987 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 28 000 |
| 38 | Скрепери ДЗ-77 | 26 | 1987 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 28 000 |
| 39 | Скрепери ДЗ-77 | 122 | 1987 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 28 000 |
| 40 | Скрепери ДЗ-77 | 118 | 1987 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 28 000 |
| 41 | Трактори К-701 | 238 | 1985 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 28 000 |
| 42 | Трактори К-701 | 262 | 1986 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 28 000 |
| 43 | Трактори К-701 | 213 | 1982 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 28 000 |
| 44 | Трактор ПМ-15 К-701 | 234 | 1984 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 28 000 |
| 45 | Трактори Т-150К | 248 | 1983 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 24 000 |
| 46 | Трактори Т-150К | 247 | 1988 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 24 000 |
| 47 | Трактори Т-150К | 245 | 1983 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 24 000 |
| 48 | Трактори Т-28х4 | 424 | 1986 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 13 600 |
| 49 | Шассии худрав (Самоходное шасси) | 246 | 1982 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 13 600 |
| 50 | Трактор - крани ТК-10 | 260 | 1986 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 44 000 |
| 51 | ГАЗ – 5204 | 558 | 1974 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 9 600 |
| 52 | Техуход Г-52 | 510 | 1983 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 13 600 |
| 53 | ГАЗ – 53 | 512 | 1982 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 9 600 |
| 54 | ГАЗ – 53-1 | 514 | 1982 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 9 600 |
| 55 | ГАЗ – 52-1 | 529 | 1974 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 9 600 |
| 56 | МАЗ – 504 | 97-31 | 1979 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 9 600 |
| 57 | МАЗ – 5549 | 04-87 | 1983 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 9 600 |
| 58 | МАЗ – 504 | 262 | 1979 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 13 600 |
| 59 | Притсеп | 522 | 1986 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 9 600 |
| 60 | Притсеп | 525 | 1986 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 4 800 |
| 61 | Притсеп | 347 | 1985 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 3 200 |
| 62 | Притсеп - систерна | 540 | 1982 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 2 800 |
| 63 | Плуг-пяж | 279 | 1982 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 2 000 |
| 64 | Вагон-хона | 41 | 1987 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 7 200 |
| 65 | Вагон-хона | 4 | 1987 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 7 200 |
| 66 | Вагон-хона | 495 | 1980 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 5 600 |
| 67 | Вагон-хона | 75а | 1980 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 5 600 |
| 68 | Ҳаммом (душ)-и саҳроӣ | 32б | 1987 | ЧСК «Хуросонобсохтмон» | 2 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузории музояда **– шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, телефон: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, телефонҳо - 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413820 | Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Рӯдакӣ | Бензин, сӯзишвории дизелӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 10.03.2023 10:10:59 |
| 2 | 413819 | Муассисаи давлатии «Таълими томактабии ширхоргоҳ-кӯдакистони №4»-и ноҳияи И.Сомонӣ | Маҳсулоти ширӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 10.03.2023 10:20:10 |
| 3 | 413831 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони № 112» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 10.03.2023 14:55:40 |
| 4 | 413815 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои пӯст» | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.03.2023 15:59:59 |
| 5 | 413814 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 20.03.2023 16:00:00 |
| 6 | 413816 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Душанбе | Бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.03.2023 16:30:59 |
| 7 | 413817 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Асфалти гарми майдадона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.03.2023 16:40:59 |
| 8 | 413818 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, маишӣ, барқӣ ва картриджҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 61 | 20.03.2023 17:00:00 |
| 9 | 413821 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтар | Реактивҳо, лавозимоти лабораторӣ ва масолеҳи масрафӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 27.03.2023 10:15:30 |
| 10 | 413822 | Шуъбаи сохтмони асосии шаҳри Турсунзода | Гузаронидани оби нӯшокӣ ва канализатсия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 10:20:00 |
| 11 | 413823 | Бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷ. Балхии вилояти Хатлон | Синтезатори тамғаи KORG Pa900 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.03.2023 10:30:40 |
| 12 | 413824 | Муассисаи давлатии коммуналӣ ва чароғонкунию ороишии шаҳри Бохтар | Таҷҳизоти барқӣ ва парчам | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 27.03.2023 10:35:15 |
| 13 | 413825 | Муассисаи давлатии коммуналӣ ва чароғонкунию ороишии шаҳри Бохтар | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 27.03.2023 10:40:30 |
| 14 | 413826 | Суди вилояти Хатлон | Бензин, равғани муҳаррик ва антифриз | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 27.03.2023 10:45:50 |
| 15 | 413827 | Боғчаи бачагонаи №3-и ноҳияи Хуросон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 27.03.2023 10:50:40 |
| 16 | 413828 | Муассисаи томактабии боғчаи №1-и ноҳияи Хуросон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 27.03.2023 10:55:55 |
| 17 | 413829 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 27.03.2023 11:50:00 |
| 18 | 413830 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, барқӣ, сантехникӣ, картриджҳо, барномаи зиддивирусӣ, ҷузъҳои компютерӣ, компютери фардӣ, техникаи маишӣ, мебел ва хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 126 | 27.03.2023 13:30:00 |
| 19 | 413832 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ барои 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №40 дар деҳаи Гулободи ноҳияи Деваштич (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 14:00:00 |
| 20 | 413833 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бино дар назди Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишӣ оид ба намудҳои камонварии вилояти Суғд» (насби дарҳои чӯбии то 3 $м^2$ ба масоҳати 22,70 $м^2$, насби дарҳои чӯбии зиёда аз 3 $м^2$ ба масоҳати 94,48 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 14:00:00 |
| 21 | 413834 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Боғи фарҳангию фароғатӣ дар назди Муассисаи давлатии вилоятии Қасри маданияти Арбоб дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонӣ-васлнамоӣ: 24 адад насби косаи фавворахо аз санги хоро) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 14:00:00 |
| 22 | 413835 | Маркази таълимии «Чароғи ҳидоят» | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ ва хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 86 | 27.03.2023 14:20:13 |
| 23 | 413840 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Яхдонҳо, молҳои хоҷагидорӣ ва қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 58 | 27.03.2023 14:30:00 |
| 24 | 413839 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъминоти барқи бефосила | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.03.2023 14:35:17 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЭЪЛОН

Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд (Smart city)»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе баҳри амалӣ намудани қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 13-уми январи соли 2023 №11 «Дар бораи муваққатан ҷойгир намудани сутунпояҳои махсуси алоқаи мобилӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе» озмуни кушод эълон менамояд.

Ба таваҷҷуҳи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони ватаниву хориҷӣ мерасонем, ки онҳо метавонанд бо пешниҳоди лоиҳаҳои махсуси алоқаи мобилӣ (опоры двойного назначения) дар озмун иштирок намоянд.

Барои гирифтани маълумоти бештар оид ба лоиҳа метавонед бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Қурбонов - 25, Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд (Smart city)» ё бо телефони: +992 (37) 227- 23-28 ва почтаи электронии: **tender@dsc.tj** муроҷиат намоед.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии Д-1С-6444-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2015 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Болофар ба Файзов Таваккал додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ бо рақами барӯйхатгирии 31449-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ҳисор 22-юми майи соли 2019 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати шаҳраки Шарора, деҳаи Уртабуз ба Давлатов Зафар додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии силсилаи МД №0227-и гумшуда, ки онро Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба Аминзода Илҳомҷон Амон – сардори Муассисаи давлатии «Равшании Душанбешаҳр» додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2020 ба Назифов Салмон Мирзошоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати № 008671-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №98-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1998 ба Сайвалиева Парвина Шералиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Хуросон бо суроғаи ноҳияи Хуросон, Ҷамоати деҳоти Ҳилолӣ, деҳаи Меҳнат 6-уми марти соли 2018 ба Ғуломова Файзигул додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи АО №1923574-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 28-уми майи соли 2019 ба Зайниддинов Анушервон Зиёвиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон соли 2022 ба Зайниддинов Анушервон Зиёвиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши бинои союбони силсилаи ХТ № 047265 таҳти рақами 240-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Қубодиён 21-уми декабри соли 2015 бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти сангин, деҳаи Ҷаркӯрғон (ҳоло Авесто) ба Ҳалимов Ҷума Лоиқович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЧТ №0039047-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбии техникии №7-уми шаҳри Душанбе бо ихтисоси «Электромонтёр» соли 2012 ба Саъдуллоев Маҳмадулло Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи миёнаи ҶДММ «Марко» ва Тоҷиддинов Алиакбар, ки оид ба манзили истиқоматӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Бухоро, бинои 54, квартираи 74 баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи №37 аз 10-уми январи соли 2021-и гумшуда, ки аз ҷониби ҶДММ «Сохтмон Палас» бо шаҳрванд Раҳматов Сафаралӣ оид ба ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар сохтмони манзили истиқоматии баландошёна, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Карамов - 50 баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А 3977100-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи (ҳоло шаҳри) Ҳисор соли 2006 ба Қудратов Ҷамшед Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 2430059225-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Муъминобод соли 2021 ба Исоев Фирузҷон Абдуғафорович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии №0050609-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Қубодиён соли 2014 ба Хужакулов Улугбек Кахорович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, ки онро Нозироти андози шаҳри Роғун 30-юми июни соли 2022 ба Яқубов Шонсуф Сафаралиевич (РЯМ 0630022305) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти асосии №417654-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №86-и ноҳияи Ҳисор соли 1989 ба Тағоева Зӯҳро Муродовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-уми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2014 ба Намозова Шаҳноза Эхтиёровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои бинои истиқоматии ҷудогонаи гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 10-уми феврали соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи А. Қаҳҳоров, бинои 5, квартираи 19 ба ҶДММ «Иттиҳодияи истеҳсолии «Нассоҷии Тоҷик» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0470667-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе 9-уми июли соли 2014 таҳти рақами 10138 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷомӣ, ҳавлии №13 ба Файзиева Салиха додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Муросо», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо РМА 140003116 буда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти қайди ИҶ 854 санаи 15-уми марти соли 2008 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Хоҷаи Ҳотам», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи ВА №0015776 бо РМА 140003087 буда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами қайди ИҶ 855 санаи 15-уми марти соли 2008 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Якто», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0281168 бо РЯМ 0410033910, РМА 040055643 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 10-уми июни соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Юсупов Алишер Ахлиддинович, ки дорои Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0481010, РМА 037579275 ва РЯМ 1230223656 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 15-уми апрели соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Ором» бо РЯМ 030017228, ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ соли 2009 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Илҳом ойл», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0233000, РЯМ 1510002625 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Варзоб 3-юми октябри соли 2014 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло**

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.***

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 1 марти соли 2023, соати 18:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35530 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97